**Тақриз**

ба диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Мавлоно Сайфиддини Исфарангӣ аз зумраи шоирони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикии асри 13 мебошад. Вай ҳанӯз дар замони зиндагии худ соҳиби шуҳрат ва эътибори баланди шоирӣ гардида буд, зеро замони ӯ ба яке аз марҳилаҳои муҳими равнақи шеъру адаби форсии тоҷикӣ рост меояд. Дар ин давра марказҳои маъмурии Хуросону Мовароуннаҳр илму фарҳанг ва адабу ҳунар ба таври камназир ривоҷ меёфт. Ба тасдиқи муҳаққиқони аҳволу осори шоир Мавлоно Сайфиддин аз зумраи шоирони хушқареҳаю соҳибфазли замон маҳсуб мешуд.

Бояд зикр кард, ки баррасию аҳволи шоир, мақоми адабии суханварии ӯ ҳанӯз дар замони зиндагиаш оғоз гардида буд. Нахустин бор ҳунару истеъдоди шоирии Мавлоно Сайфиддин аз тарафи яке аз шоирони муосираш Шамси Хола баҳои баланд гирифта буд. Баъдан, аксари тазкиранигорон аз ин суханвари мумтоз ба некӣ ёд карданд.

Дар замони мо устод С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Абдуллоев, Л. Сулаймонова, С. Султонов, А. Афсаҳов, В. Самад, С. Аъзамзод ва дигарон дар заминаи аҳволу осори шоир таълифоти арзишмандеро ба чоп расониданд. Аммо бо вуҷуди ин, бисёре аз масоили марбути аҳволу осори шоир ниёз ба таҳқиқотҳои муфассалу фарогирро доранд. Аз ин ҷиҳат, метавон тадқиқоти Озодахон Раҳматоваро дар таҳқиқи коргоҳи эҷодӣ ва ҳунари шоирии Мавлоно Сайфиддин гоми шоиста ҳисобид. Худи чанде пеш бори нахуст дар шакли комил ба нашр расидани “Девон”-и шоир далели то кунун ба таври лозима омӯхта нашудани эҷодиёти шоир мебошад. Ин нукта ҳам ба муҳимият ва интихоби дурусти мавзӯи диссертатсияи Озодахон Раҳматова ишорат менамояд.

Бояд таъкид кард, ки аз Мавлоно Сайфиддини Исфарангӣ мероси бое ба мо расидааст, ки он аз анвои гуногуни осори манзум ва мансур иборат мебошад. Муҳаққиқони гузаштаю имрӯза аксаран ҳунари баланди қасидасароӣ доштани шоирро эътироф карданд. Мутолиаи ин бахши ашъори шоир собит менамоянд, ки ӯ дар қасидасароӣ ба нуқтаи рифъат расида, бо камоли авҷи фитрат ва ҷибилат, ҷозиба, равонӣ, салосат ва матонати суханро устувор кардааст. Муаллифи диссертатсия дуруст таъкид мекунад, ки қудрати шеъру шоирӣ ва истеъдоди хаёлпардозии Мавлоно Сайфиддин дар қасидасароӣ аз муҳимтарин падидаҳои шинохти шоир ва сирри маҳбубияти ӯ дар дарозои бештар аз ҳашт қарни гузашта мебошад. Ҷавҳари қасоиди шоир аз асолат бархурдор ва матолибашон хеле пурборанд. Озодахон Раҳматова дуруст таъкид менамояд, ки дар қасоиди Сайф

қазияи зиёди қазову қадар, матолиби муаммоангези марбут ба ҳастии маънавӣ ва моддии инсоният, моҳияти муборизаҳои мухталифи сахту сангини сиёсиву иҷтимоӣ, набардҳои мутазоди ғоявӣ, фикрӣ ва мазҳабӣ, омилҳои муҳими бақову пойдории кишвару давлат, нукоти ҷиддии марбут ба иҷтимоиёт ва руҳиёту равони инсон, табиат ва мавқеи иҷтимоии одамон ва ғайра таҷассум ёфтаанд. Аксари масоили мазкур ҳангоми баррасии қасоиди шоир дар диссертатсия шарҳу тавсир ёфтаанд.

Озодахон Раҳматова боби аввали диссертатсияи худро ба баррасии аҳволу осори Мавлоно Сайфиддин ихтисос додааст, ки он табиӣ ҳам мебошад, зеро дар шинохти зиндагиномаи шоир, иртиботи ӯ ба ҳокимони замон анвои шеърӣ ва миқдори абёти ашъори Сайф то кунун суолҳои зиёде мавҷуд аст, ки онҳо ҷавобҳои саҳеҳу дақиқи илмиро интизоранд. Ба ҳамин хотир, Озодахон Раҳматова дар фаслҳои ҷудогонаи боби якуми диссертатсия авзои сиёсию адабии замони зиндагии Сайфи Исфарангӣ, зиндагинома ва эҷодиёти шоирро муфассал баррасӣ менамояд. Вай бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабӣ таъкид менамояд, ки Сайфи Исфарангӣ ҳамон Сайфи Аъраҷи Исфарангӣ аст, ки Сомӣ дар тазкираи худ иштибоҳан онҳоро ду шахси ҷудогона меҳисобад. Шояд ба хотири нуқси ҷисмонӣ Аъҷарро (ланг) ба номи шоир муосиронаш ҳамроҳ намуданд. Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки Сайф дар марказҳои фарҳангии овозадори замонаш Самарқанду Бухоро таҳсил намуда, касби камол кардааст. Сайф хеле барвақт аз падару модар маҳрум мешавад. Шоир барвақт ба шеъргӯӣ машғул гардида, дар синни 22-солагӣ ба дарбори Муҳаммади Хоразмшоҳ роҳ меёбад ва баъдан дарборро тарк намуда, ба саёҳати Хуросон меравад. Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки шоир дар замони қатлу ғорати муғул хеле аз зиндагӣ дилгир ва рӯҳафтода шуда буд. Дар охири умр Сайф гӯшанишинӣ ихтиёр намуда, ба гуфтани ашъори шикояти мепардозад.

Озодахон Раҳматова дар заминаи ишораи худи шоир “Кардам аз насру назми худ якчанд”,...тахмин мезанад, ки шояд Сайф осори мансур ҳам дошта, вале ӯ бо такя ба пажуҳишҳои Зубайда Сиддиқӣ, ки ба нусхаҳои зиёди “Девон”-и шоир дастрасӣ доштааст, сабт мекунад, ки аз Сайф то ба мо танҳо “Девони ашъор” расидаасту халос. Аксари онҳое, ки ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз ба осори Сайф ишора кардаанд, бештар ба мақоми волои шоирии ӯ такя намудаанд. Аз ҷумла, Абулқосими Козарунӣ соҳиби донишномаи “Сулам-ус-самовот” ашъори Сайфуддини Исфарангиро бо ашъори Сайфи Фарғонӣ қиёс намуда афзалият ва бартариҳои ҳунари шоирии Мавлоно Сайфуддини Исфарангиро таъкид менамояд. Ин қабил масоили марбути ҳунари суханварии Сайф дар бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсияро ба масъалаҳои сохт ва муҳтавои қасоиди шоир ихтисос медиҳад. Вай таъкид менамояд, ки Сайфи Исфарангӣ дар эҷоди ҳам қасидаи мукаммал ва қасидаи муқтазаб маҳорати тамом доштааст. Вале мадеҳаро аксаран дар қасидаи

муқтазаб гуфтааст, ки ин аз ҷумлаи навигариҳои шоир дар эҷоди қасида мебошад. Ҷолиб он аст, ки муҳаққиқ бо истифода аз шеваҳои таҳқиқи оморӣ миқдори қасоиди шоир, мадҳияҳои ӯ ва мамдӯҳонашро низ равшан муайян менамояд. Таъкид мешавад, ки нахустин мамдӯҳи қасоиди сайфи Исфарангӣ Муҳаммади Хоразмшоҳ буда аст. Ба вай шоир 6 қасида бахшидааст ва ба вазири ӯ Низомулмулк ибни Солеҳ бошад, 14 қасида бахшидааст. Дар ин қасоид, чунон ки дар диссертатсия ишора мешавад, сифатҳои барҷастаи мамдӯҳони шоир тавсиф ва ситоиш мегардад. Дар баробари ин, шоир дар мадҳияҳои худ ҷо-ҷо аз вазъи нооромии замон, эҳсоси ватандорию ватанпарастии мардум сухан мекунад. Дар баробари ситоиши ҳокимон Сайф дар қасидаҳои мадҳиявиаш онҳоро адолатхоҳӣ, раиятпарварӣ, анҷоми корҳои хайру савоб ва ӯайра даъват мекунад. Бояд гуфт, ки қасоиди мадҳии Сайф дорои аҳамияти муҳими таърихӣ низ мебошанд. Шоир дар бисёр маврид ҳангоми нишон додани сифатҳои мамдӯҳ ба муҳимтарин воқеаҳо ва ҳаводиси таърихии замон ишора менамояд.

Тибқи оморгирии муҳаққиқ Сайф дар маҷмӯъ 198 қасида суруда аст, ки 100 адади онҳо дорои тағаззул мебошанд. Дар тағаззулҳои шоир асосан мавзӯъҳои суннатии шеъри классикии форсии тоҷикӣ ба қалам дода шудаанд. Шоир дар баробари тасвири ишқ, маю майгусорӣ, нозу истиғнои ёр ба масъалаҳои марбути сол, зебоиҳои табиат, манзараҳои дилрабои атроф, сарсабзию хуррамии табиат дар фасли баҳор ва ғайра таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Озодахон Раҳматова дар ин маврид дуруст таъкид менамояд:"Ин қабӣл тағаззулоти Сайфи Исфарангӣ аз он ҷиҳат ҷолибанд, ки дар онҳо ҳар як симою тасвир, ифодаву ибора бо эҳсоси баланди гӯянда омезиш хӯрда, унсурҳои тасвирёфтаи табиат дар ҳаракат зиндаву воқеӣ ва чун дар амал тасвир ёфтаанд". Воқеан, Сайф дар тасвири табиат, махсусан, ҳангоми ба қалам додани манзараҳои дамидани субҳ, тулӯи офтоб, тароватy накҳати баҳор аз тавонотарин шоирони қасидасаро камӣ надорад.

Боби сеюми диссертатсияи Озодахон Раҳматова "Мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ" унвон дошта, дар он ҳунари суханварӣ ва сухангустарии шоир баён мешавад.

Ба таври умумӣ шеъри Сайфи Исфарангӣ бархоста аз ҳолу ҳавову завқи лабрез аз эҳсоси гарми инсонӣ аст. Фарохии доираи мазмун ва маъниҳои ашъораш далели равшани донишу таҷриба ва заковати баланди муаллиф аст. Дар ин маврид муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки шоир воқеан аз донандагони илмҳои замон маҳсуб мегардид. Мавлоно Сайф ҳанӯз аз овони ҷавонӣ тибқи ахбори сарчашмаҳо дар баробари улуми адабӣ илмҳои нуҷум, риёзиёт, тиб, равоншиносӣ, мусиқӣ ва як қатор илмҳои муҳими динии замонро аз худ карда буд. Далели ин ақида истифодаи фаровони истилоҳоти донишҳои номбурда дар ашъори шоир, аз ҷумла, дар қасоиди ӯ мебошад. Шоир дар қасоиди худ, ки асосан дар вазну қолабҳои суннатии қасида суруда шудаанд, ба мазмунсозӣ ва баёни

мазмунҳои тоза таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Муҳаққиқ зимни баррасии қасоиди Сайф аз дидгоҳи мазмун ва маънипардозӣ дуруст таъкид менамояд, ки мақсади шоир аз шеър гуфтан пеш аз ҳама маънисозиву маъниофаринӣ маҳсуб мешавад. Вай дар баробари дарёфти мавзӯъ ва тасвирҳои бикру тоза ба калима, таркиб, ибора, воситаҳои тасвири бадеӣ, сухани ноб, шаклу услуби баён ва ғайра эътибори ҷиддӣ медиҳад. Муаллифи диссертатсия аз баррасии масоили боло ба чунин хулоса мерасад, ки он қобили андеша аст:"Навовариҳои Сайфи Исфарангӣ дар мазмунсозию маъниофаринӣ, бештар дар сохтани ташбеҳу истиорот, талмеҳу киноёт ва истифодаи санъатҳои дигари бадеӣ ба назар мерасад. Баҳрагирии шоир аз китобҳои осмонӣ далели дигари баёни устур ва ифодаи маъниҳои баланд дар ашъори шоир мебошад.

Ба таври умумӣ, агар ба “Девони ашъор”-и Сайфи Исфарангӣ назар андозем аксари қасоиди ӯ дар ҳадди лутфу ғояти баланди маънӣ қарор дошта аз лиҳози забон ва шеваи баён соддаю зебо ва аз нигоҳи баёни андеша тоза ҳастанд. Ин фазилатҳои муҳими қасоиди шоирро дар ғазалиёт, рубоиёт, қитъаоту тарҷеоти ӯ низ метавон ба мушоҳида гирифт.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ натоиҷи пажуҳиши муфассали худро дар заминаи қасоиди Сайфи Исфарангӣ ҷамъбаст намуда, натиҷагириҳои худро дар 12 банд ба таври мушаххас баён мекунад.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсия дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои илмӣ баъзе камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки зикри муҳимтарини онҳо ба андешаи инҷониб ба фоидаи кори муаллиф хоҳад буд:

1. Дар бахши аҳамияти тадқиқот матолиби марбути маълумоти тазкираҳо ва ишораҳои муҳаққиқон нолозим мебошад. Ин нуктаҳо бояд дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ оварда мешуд.
2. Муаллиф дар муқаддима аз чанд нусхаи арзишманди “Девон”-и шоир ёд мекунад, вале маълум намешавад, ки ӯ ҳангоми анҷом додани тадқиқоти мазкур ба кадоме аз ин нусхаҳо такя намудааст.
3. Дар диссертатсия, ки асосан ба баррасии қасоиди Сайфи Исфарангӣ ихтисос дорад, муаллиф ҳунари қасидасароии шоирро бо муосирони қасидасарояш камтар қиёс менамояд.
4. Дар диссертатсия ба матнҳои ба чоп омода кардаи Зубайда Сиддиқӣ ва Субҳони Аъзамзод борҳо ишора мешавад, вале ба бурду бохти онҳо дар таҳияи “Девон”-и Сайф баҳо дода намешавад.
5. Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия “Муҳтаво ва арзишҳои адабии қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” бештар характери тавсифӣ ва тасвирӣ дорад.
6. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иштибоҳоти имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислоҳшаванда мебошанд.

Норасоӣ ва иштибоҳоти мазкур ислоҳшаванда буда, ба ҳеч ваҷҳ ҳусну эътибори диссертатсияи Озодахон Раҳматоваро коста намесозанд. Диссертатсия дар сурати пешниҳодгардида таҳқиқи комилу анҷомёфта буда, дар сатҳи мақбули илмӣ таълиф гардида, дорои аҳамияти назарию амалӣ мебошад. Мустақилияти андеша ва ҷасорати бо диди интиқодӣ муносибат кардан ба масъалаҳо симои диссертантро ҳамчун муҳаққиқи омода ба кори илмӣ-пажуҳишӣ муаррифӣ мекунад.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва мақолаҳои дар ин мавзӯъ чопкардаи муаллиф мазмун ва муҳтавои асосии кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари диссертатсия, ки бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба мулоҳизаҳои боло чунин меҳисобем, ки диссертатсияи номзадии Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи "Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Доктори илмҳои филологӣ,

профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абдусатторов
Абдушукур

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе: кӯчаи А. Командир –
ҳавлии 33
E-mail: abdusattorov@mail.ru
Тел.:+992904114840

Имзои А. Абдусатторовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға:

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: 227-71-13, факс: 992372
E-mail: thu@mail.ru